# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.**

**Мубрамии мавзу.** Бояд қайд намуд, ки солҳои охир талабот ба меваҷоти гуногун, ки онҳо хусусиятҳои шифоӣ ва ғизои доранд, зиёд мегардад. Яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии боғҳои мевадиҳанда, ин ба даст овардани навъҳои нави серҳосилу ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва мукамалгардонии технологияи бунёди боғҳои замонавӣ ба шумор меравад.

Бинобар ин, корҳои тадқиқотии дар ин ҷодда иҷрошаванда хело мубрам ба шумор мераванд, ки кории илмии иҷрошуда низ баҳри ҳалли чунин масъалаи амалан зарурӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш бахшида шудааст.

**Мақсади тадқиқот.** Аз автореферати кори илмӣ дида мешавад, ки мақсади ниҳоии тадқиқот ин омӯхтани хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ, таъсири тагпайвандҳо ба рушду нумӯи навъҳо, ҷудо намудани навъҳои дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш арзишманд, барои пешниҳод кардан ба Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Унвонҷӯй Раҳматов С.Ҳ. барои ҳалли мақсади гузошта, чунин вазифаҳои муҳими илмиро ҳал намудааст:

- ✓ Омӯзиши тагпайвандҳои навъҳои хурмои шарқӣ вобаста ба шароити маҳал;
- ✓ Омӯзиши хусусиятҳои биологӣ ва давраҳои фенологии навъҳои хурмои шарқӣ;

- ✓ Муайян намудани ҳосилнокӣ ва таркиби биохимиявии навъҳои хурмои шарқӣ;
- ✓ Муайян намудани навъҳои дурнамои селексионии маҳаллӣ ба истеҳсолот;
- ✓ Самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш.

**Объектҳо, мӯҳлат ва макони тадқиқотҳо.** Дар автореферат нишон дода шудааст, ки уновонҷӯй ба сифати маводи тадқиқотӣ навъу намунаҳои хурмои шарқӣ, аз қабили навъҳои Шарқӣ, Шоҳона, Ваҳдат, Вахш, Тоҷикӣ ва Ҳисорӣ, ки маҳсули селексияи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ мебошанд ва тагпайвандҳои хурмои Кавказӣ (Diospyros lotus), хурмои Виргинӣ (Diospyros virginiana) истифода шудаанд. Ба сифати навъи назоратӣ навъҳои ноҳиябандишудаи Хиакуме ва Зенджи-мару интихоб гардидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот**. Аз автореферати кори илмии Раҳматов С.Ҳ. бармеояд, ки унвонҷӯй бори нахуст дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш омӯзиши 15 навъу намунаҳои хурморо гузаронида, дар натиҷа аз байни онҳо 3- навъи дорои хусусиятҳои хоси хоҷагию-биологӣ дошта, аз он ҷумла 1 навъ барои истеҳсоли хушкмеваро интихоб намуда, ба Комиссияи давлатии озмоишии навъҳои зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъи Вазорати кишоварзӣ супоридааст, ки ин дастоварди арзишманди илмию амалии ӯнвонҷӯй ба шумор меравад.

Инчунин натиҷаҳои илмии таҷрибаҳои саҳроӣ ва санҷиши истеҳсолии онҳо дар омӯзиши хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар масоҳати 21 гектар дар хоҷагии таҷрибавии Сунбула, 10 гектар дар хоҷагии ҶДММ “Боғи 15-солагии” Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳри Ҳисор татбиқ гардидаанд.

Дар рафти иҷро намудани кори илмӣ унвонҷӯй доир ба мавзӯи таҳқиқотиаш 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назарявии АИКТ ва 1 мақола дар конференсияи байналмилалӣ ба чоп расидаанд, ки мазмуну муҳтавои асосии тадқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**Хулоса.** Зарур ба ёдоварист, ки маълумотҳои дар автореферати кори илмӣ пешниҳод шуда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи мазкур дар мавзӯи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шаркӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш» аз ҷиҳати мубрамии мавзӯ, навигариҳои ба даст омада ва аҳамияти илмию амалиаш, кори арзишманд ба шумор рафта, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳматов Сулаймон Ҳасанович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Мудири Озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои биологӣ (ихтисоси 03.01.05 – физиология ва биохимия), профессор, узви вобастаи АМИТ

Абдуллоев Абдуманон

Суроға: 734016, Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи Алишер Навоӣ, хонаи 11/6, ҳуҷраи 37
Тел.: +(992) 918612842; E-mail: abdumanon@mail.ru

Имзои А. Абдуллоев-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Шуъбаи кадрҳо: Умарова Н.С.

Суроғаи муассиса: 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Карамова, 27,
тел: +(992 37) 224-71-88, 225-80-83; E-mail: ibfgr@mail.ru

11-уми феврали соли 2026